**“ТАСДИҚ МЕНАМОЯМ”**

Директори Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, номзади илмҳои физика-математика, дотсент Наҷмиддиниён Асадулло Мирзо ________________

“_30_” _04_ с.2024.

# ТАҚРИЗИ

муассисаи пешбар - Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ба диссертатсияи Пиров Ҳоҷибой Пирмаҳмадович дар мавзуи “Шартҳои педагогии мутаносибгардонии муносибатҳои байни омӯзгор ва хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод шудааст.

***Саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъала ва коркарди мавзуи илмӣ.*** Мубрамии мавзуи барои таҳқиқоти диссертатсионӣ интихобнамудаи Пиров Ҳоҷибой Пирмаҳмадович бо он муайян карда мешавад, ки омузгорон ва хонандагон ҳамчун меҳвари асосии мактаб мебошанд, ки мисли ҳамфикрон ҳамкорӣ карда, фаъолияти ахлоқӣ ва муоширатро амалӣ менамоянд, ки дар натиҷа байни онҳо низоми муносибатҳои маънавию ахлоқӣ инкишоф меёбад. Рушди мутаносиби шахсият бо самтгирии пешравандаи инкишофи тамоми ҷиҳатҳои он, пуррагӣ ва пайвастагии онҳо ба фаъолият ва муносибатҳо бо худ, ҷомеа, фарҳанг ва табиат тавсиф меёбад. Мутаасифона, то ба имрӯз, масъалаҳои мутаносибгардонии муносибатҳои байни омӯзгор ва хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба таври кофӣ мавриди пажӯҳиш қарор нагирифтааст. Аз ин сабаб дар марҳалаи муосири низоми маорифи кишвар омӯзиш, таҳлил ва таҳкики муаммои мутаносибгардонии

муносибатҳои байни омӯзгор ва хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мавқеъ ва нақши басо арзишмандеро соҳиб аст.

Дар баробари ин, бояд таъкид созем, ки муаллифи диссертатсия барои таҳқиқ фарзияи илмии таҳқиқотро ба таври воқеъбинона хеле дуруст ва нишонрас муайян карда, қайд намудааст, ки мутаносибгардонии муносибатҳои омузгор ва хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба ташаккулу татбиқи тарзи инсонпарваронаи ҳаёт мусоидат менамояд, агар:

- мувофиқати ҷузъҳо ва вазифаҳои он бо мақсади фарогирии арзишҳои маънавию ахлоқӣ аз ҷониби мактаббачагон (ва педагогҳо) дар асоси ноилшавӣ ба баробарӣ, мувофиқат, созгорӣ, ҳамдигарро пурракунӣ, мусоидати ҳамдигарии таркиби онҳо, пуркунӣ бо мазмуни аксиологӣ, интихоб ва амалисозии муносибатҳои инсонгароёна, воситаҳои ахлоқӣ шаклҳои беҳтаркунанда амалӣ карда шавад;

- созгории сохтори иҷтимоию ахлоқӣ ва психологии шахсият бо сохтори фаъолияти ахлоқӣ тавассути тағйирёбии сатҳу самти рушди соҳаҳои шахсияти мактаббача, пурра кардани онҳо бо мазмуни маънавию ахлоқӣ дар раванди ҷустуҷӯ ва азсаргузаронии мазмунҳои шахсиятии арзишҳо дар маҷмуи вазъияти аксиологӣ амалӣ гардад;

- консепсия, ки ғояи асосии он дар раванди мутаносибкунандаи педагогӣ фаро гирифтани худмуайянкунии арзишҳои маънавию ахлоқӣ аз ҷониби мактаббачагон ҳамчун афзалияти низоми таҳсилот ва рушди шахсият мебошад, асоснок карда шавад;

- мусоидати педагогӣ ба ин фаъолият аз ҳисоби бунёди фазои мутаносибкунандаи худмуайянкунии арзишӣ (таъсироти мутақобил, муносибатҳои субъектӣ-субъектӣ, муоиширати ихтиёрӣ ва гуногунсатҳ, рифоҳ, ҳамзистӣ) ва майдони тақсимкунӣ (муаммо, вазъияти интихоб, ба шохаҳо ҷудо кардани масирҳои худмуайянкунӣ) таъмин гардад.

Диссертатсияи Пиров Ҳоҷибой Пирмаҳмадович аз муқаддима, ду боб, шаш зербахш, хулосаҳои бобҳо, хулосаи умумӣ ва тавсияҳо, рӯйхати адабиёт иборат аст.

Дар муқаддимаи рисола аз тарафи муҳаққиқ дараҷаи омӯхта шудани мавзӯъ, зарурати таҳқиқу баррасии муаммои маводи назар, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқоти илмӣ, сарчашмаҳо ва равиши анҷоми кори илмӣ, предмет ва объекти таҳқиқ, навгониҳои илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, саҳми шахсии муаллиф дар таҳқиқот, инчунин матолиби меҳварии барои дифоъ манзуршаванда ба таври возеҳ шарҳу инъикос ёфтаанд.

Дар боби якуми рисола, ки **“Асосҳои методологӣ ва назариявии мутаносибгардонии муносибатҳои байни педагог ва хонандагон”** ном дорад, муаммои муносибатҳои педагог ва хонанда ҳамчун раванди педагогии мутаносибшаванда; шартҳои педагогии мутаносибгардонии муносибатҳои омӯзгор ва хонанда ва маҷмуи усулҳои омӯзиш ва меъёрҳои баҳодиҳии натиҷаҳои мутаносибгардонии муносибати омӯзгору хонанда баррасӣ шудааст.

Дар ин боб аз тарафи муаллиф дар асоси таҳлили манбаъҳои назариявӣ ва тадқиқотҳои назарраси илмию педагогӣ муайян карда шудааст, ки мутаносибӣ дар таълифоти фалсафӣ ва ҷомеашиносӣ ҳамчун мақсади фарҳанг, ки ба дарки олам ва инсон нигаронида шудааст, якум, чун шакли мувофиқтарине фаҳмида мешавад, ки самти инкишофи ҳама чизи томро муайян мекунад; дувум, ҳамчун воситае фаҳмида мешавад, ки робитаи мутақобили унсурҳо, қисмҳо, тарафҳои ҳама гуна чизи томро дар асоси тартиби дохилию амиқ, ҳамоҳангӣ, пуррашавандагӣ ва таъсироти мутақобил амалӣ мегардонад. Инчунин дар боби мазкур моҳияти мафҳумҳои муносибат, таносуб, номутаносибӣ, мутаносибгардонии сохторӣ ва функсионалӣ ошкор карда шуда, ҷузъҳои раванди педагогии муносибатҳои арзишманди омӯзгорон ва мактаббачагон муайян гардидаанд: 1) ҳамдигарро пурра кардан, таъсироти мутақобили нисбатан баробар ва гузоришҳо ба ҳамдигар; 2) ҳамгироии маҳсулноку эҷодӣ, ки аз афзалияти том нисбат ба қисмҳои он бармеояд; 3) вобастакунӣ, ки ҷузъҳои мухолиф тавассути ҳалқаи севум

инкишоф ёфта, мутаносиб мегарданд; 4) дигаргуншавии куллӣ, вакте ки яке аз ҷузъҳо пойгоҳ буда, барои дигараш ҳамчун асоси иловагӣ хизмат мекунад.

Дар боби дуюми рисола, ки **“Технологияи педагогии мутаносибгардонии муносибатҳои омӯзгор ва мактаббачагон»** номгузорӣ шудаааст, масъалаҳои худташхисӣ ва худтаҳлилкунии вазъи мутаносибагардонии педагог ва мактаббачагон; тарҳрезӣ ва амалисозии технологияи педагогӣ барои мутаносибгардонии муносибатҳои педагог ва мактаббача; самаранокии натиҷаҳои амалисозии технологияи педагогӣ оид ба мутаносибгардонии муносибатҳои педагог ва мактаббачагон таҳқиқ гардидаанд. Дар боби мазкур муаллифи рисола бо такя ба таҳқиқотҳо оид ба худшиносӣ ва худташхисӣ вазифаҳои худташхискунӣ дар амалияи мутаносибгаронии муносибатҳои педагог ва мактаббачагон номбар шуда, таъкид мегардад, ки зимни худташхисӣ вазифаи ташхискунии педагог бо мактаббача тақсим карда мешавад. Дар баробари ин, принсипҳои худташхисӣ ба таври зайл: маҷмӯӣ (комплексӣ) будан, муттасилӣ, мутаҳаррикӣ, асоснокӣ зикр гардида, муфассал баррасӣ шудаанд. Қобили қайд аст, ки муаллифи рисола дар ин боб методҳои асосии худташхискунии мактаббачагонро ба таври зерин худмушоҳида, худҳисоботдиҳӣ (мактуб, иншо, рӯзнома), мушоҳидаи ҳамроҳӣ, суҳбат, методи шарҳиҳолӣ, худтаҳлилкунии маҳсули фаъолият муайян кардааст, ки ба ҷузъҳои навгонии таҳқиқоти муаллиф маҳсуб кардан мумкин аст.

Ҳамчун яке аз тарафҳои мусбии корро бо он ишора кардан мумкин аст, ки муаллифи рисола нахуст ба муайян намудани мундариҷаи фаъолияти мутаносибгаронии муносибатҳои омузгор ва хонандагон таваҷҷӯҳ зоҳир намуда, сохтор, субъект ва объекти раванди педагогӣ, накша-барномаҳои таълимӣ-тарбиявӣ, фаъолияти таълимӣ ва методии он, бо таҷриба ва дастовардҳои педагогон шинос гардида, онро ҳамаҷониба ва дақиккорона мавриди омӯзиш ва таҳил карор додааст.

***Аҳамияти илмӣ, амалӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.***

Аҳамияти назариявии таҳқиқот дар он аст, ки назария ва амалияи таҳсилот бо дониши муосири илмӣ оид ба асоси назариявӣ-методологии такмили мутаносибгардонии муносибатҳои педагог ва хонандагони таҳсилоти миёнаи умумӣ ғанӣ гардид; қисмҳои мундариҷавӣ, методӣ ва протсессуалии раванди мазкур муназзам гардиданд; амсилаи мутаносибгардонии муносибатҳои педагог ва хонандагон аз ҷиҳати назариявӣ асоснок ва тарҳрезӣ шуд; воситаҳои меъёрӣ-ташхисӣ барои мониторинги раванди мазкур муайян гардид.

Аҳамияти амалии таҳқиқот аз он иборат аст, ки технологияи коркардшудаи педагогии мутаносибгардонии муносибатҳои педагог ва хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ роҳи рушди мутаносиби шахсиятро дар асоси фарогирии арзишҳои маънавию ахлоқӣ, восита ва методикаи ба амалияи таҳсилот ҷорӣ намудани матлабҳои консепсияи мутаносибгардонии раванди педагогии таҳқиқшавандаро тариқи масирҳои инфиродӣ-шахсиятии худмуайянкунии арзишӣ, тарҳрезии иҷтимоии самтгирии инсонпарваронаро зимни мусоидати педагогӣ ба ин фаъолият инъикос менамояд; маълумоти дар рафти таҳқиқот ба даст омадаро дар амалияи фаъолияти таълимӣ-маърифатии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, дар раванди омодагии омӯзгорони оянда дар донишгоҳу донишкадаҳо, донишкадаҳои такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф барои фаъолияти самаранок оид ба афзудани сатҳи маҳорати методии омӯзгорон метавонанд истифода шаванд.

Тавсияҳои методии таҳия ва пешниҳодшуда ба ташаккули мутаносибгардонии муносибатҳои педагог ва хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бе чуну чаро мусоидат хоҳанд кард.

***Мутобиқати мавзуи таҳқиқот ба шиносномаи илмии ихтисос.***

Мазмуну мундариҷаи диссертатсияи Пиров Ҳ.П. ба шиносномаи илмии ихтисоси 13.00.01 – педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мувофиқат мекунад.

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ва корҳои озмоишӣ, ки дар шакли хулосаи бобҳо, хулосаҳои умумӣ ва тавсияҳои методӣ коркард ва пешниход шудаанд, аз он шаҳодат медиҳанд, ки аз ҷониби муаллифи диссертатсия таҳқикоти дорои арзиши баланди илмиву амалӣ мураттаб шудааст ва истифодаи натиҷаҳои таҳкиқот дар раванди таълиму тарбияи насли наврас бе шак мусоидат хоҳад кард.

Боэътимодии натиҷаҳои таҳқиқот дар он зуҳур меёбад, ки муқаррароти назариявии таҳқиқот ба таври кофӣ далелнок карда шуда, дар асоси таҳлилу арзёбии адабиёти илмӣ марбут ба мавзуи таҳқиқот ва кори таҷрибавию озмоишӣ оид ба мавзуи таҳкикот анҷом ёфтаанд.

***Саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъала ва коркарди мавзуи илмӣ*** аз иштироки бевоситаи ӯ дар тамоми марҳалаҳои таҳқиқот иборат аст: банақшагирӣ, интихоб ва асоснок кардани мавзуъ, тартиб додани сохтори диссертатсия, муайян кардани ҳадаф, вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқот, ҷустуҷӯ ва дарёфти адабиёти зарурӣ оид ба мавзуи таҳқиқот, ҷамъоварӣ ва муназзам кардани натиҷаҳои кори таҷрибавӣ-озмоишӣ ҳамчун пойгоҳи маълумоти озмоишӣ ва коркарди онҳо, таҳлили натиҷаҳои коркарди маълумоти озмоишӣ, омодасозӣ ва интишори мақолаҳои илмӣ, иштирок дар чорабиниҳои илмӣ, ҷамъбасти натиҷаҳо ва таълифи диссертатсия.

***Дараҷаи асоснокунии нуктаҳои илмӣ.*** Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои дар рафти таҳкикот бадастомада бо усулҳои маъмули таҳқикоти илмӣ – педагогӣ ва низоми таҳлили иттилоотии аз ҷониби муаллиф истифодашуда ва ба тасвибрасида, гуногунии маводи назариявӣ; интихоби методҳои муносиб ба дарёфти мақсадҳо ва вазифаҳои таҳқиқот; ғайриихтилофнокии мавқеъҳои назариявӣ -

методологӣ, асосноккунии муқаррароти таҳқиқот, ки ба принсипи илмият дар педагогика такя мекунад, таъмин карда шудаанд.

Натиҷаҳои тадқиқоти диссертатсионӣ дар 10 мақолаи илмӣ, ки 4 тои он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд, инъикос ёфтаанд.

Аз ин лиҳоз, асосҳои методологӣ ва назариявии таҳқиқоти Пиров Ҳоҷибой Пирмаҳмадович ягон шубҳаангез набуда, боэътимод ва боварибахшанд.

Пояи таҳқиқотӣ ва татбиқи амалии нуқоти илмӣ, методҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, корҳои анҷомдода дар ҳар як давраи таҳқиқот, мантиқи фикррониӣ ба талабот ҷавобгӯ мебошанд.

**Эрод ва пешниҳод нисбати камбудӣ ва норасоиҳои таҳқиқот.**

Дар баробари муваффақиятҳои назарраси илмиву амалӣ, ки дар рисола ба мушоҳида мерасад, диссертатсия аз норасоиҳо ва камбудиҳои ҷузъӣ низ холӣ нест, ки ёдрас намудани онҳо барои такмили минбаъдаи диссертатсия мусоидат хоҳад намуд.

1. Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ хуб мешуд, ки агар дар бораи ҳамкориҳои дидактикии омузгор бо хонанда, ки чун ҷузъи муҳими муошироти онҳо маҳсуб меёбад маълумот оварда мешуд.

2. Дар рисола мувофиқи мақсад мешуд, ки шакл ва усулҳои ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бо волидайни хонандагон доир ба ташаккули мутаносибгардонии муносибатҳои педагог ва хонандагон **ба** таври мушахасс таҳқиқ мегардид.

3. Дар матни диссертатсия баъзе ғалатҳои техникиву имлоӣ ба назар мерасанд, ки таҳриру ислоҳи онҳо самарабахшии рисоларо меафзуд.

Бо баробари он бояд қайд намуд, ки камбудӣ ва норасоиҳои мавҷудбуда арзиши илмии диссертатсияи тақиризшавандаро коҳиш намекунад.

# ХУЛОСА

1.Диссертатсияи Пиров Ҳоҷибой Пирмаҳмадович кори тахассусии илмӣ-тадқиқотӣ буда, аз ҷониби муаллиф мустақилона ва мутобиқи талабот дар сатҳи зарурии илмӣ омода карда шудааст.

2. Диссертатсияи Пиров Ҳоҷибой Пирмаҳмадович дар мавзуи “Шартҳои педагогии мутаносибгардонии муносибатҳои байни омӯзгор ва хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01–Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод шудааст, ба талаботи Низомномаи Шурои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудаанд, ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01–Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот арзанда аст.

Тақриз аз тарафи эксперт, доктори илмҳои педагогӣ доктори илмҳои педагогӣ, мутахассиси пешбари шуъбаи педагогика ва психологияи пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи А. Ҷомии Академия таҳсидлоти Тоҷикистон Давлатшоев Изатулло мураттаб шудааст.

Тақризи муассисаи пешбар дар ҷаласаи васеи семинари илмӣ - назариявии шуъбаи фанҳои гуманимтарию ҷомеашиносӣ, бознигариву такмили стандарт, барномаҳои таълимию китобҳои дарсӣ, номзади илмцои таърихи Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон бо иштироки довталаби дараҷаи илмӣ баррасӣ ва тасдиқ шудааст.

Дар ҷаласаи васеи семинари илмӣ – назариявӣ 12 нафар иштирок намуданд. Натиҷаи овоздиҳӣ: "тарафдор" - 12 нафар, "бетараф" - нест, "муқобил" - нест. (Қарори ҷаласаи васеи семинари илмӣ - назариявии шуъбаи фанҳои гуманимтарию ҷомеашиносӣ, бознигариву такмили стандарт, барномаҳои таълимию китобҳои дарсӣ, номзади илмҳои

таърихи Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон аз 30.04.2024. №04).

Роҳбари семинари илмӣ-методӣ,
номзади илмҳои таърих, муовини
директори ПРМ ба номи А. Ҷомии АТТ,
номзади илмҳои педагогӣ Лутфуллоева П.М.

Эксперти таҳқиқоти диссертатсионӣ,
доктори илмҳои педагогӣ, мутахассиси
пешбари шуъбаи педагогика ва
псхологияи ПРМ ба номи А. Ҷомии АТТ Давлатшоев И.

Котиби ҷаласаи васеи семинари
илмӣ-назариявӣ, номзади
илмҳои педагогӣ Ҷонмаҳмадова Г.

30.04.2024

**Маълумот барои тамос:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кучаи А.Адҳамов 11/2. Телефон: 227 45 25, 227 46 00; E-mail: prm@maorif.tj; www. prmatt.tj

*Имзоҳои П. Лутфуллоева Ю И. Давлатшоев ва Г. Ҷонмаҳмедоваро тасдиқ мекунам.*

*Сардори шуъбаи кадрҳои ПРМ*
*ба номи Абдураҳмони Ҷомии*
*Академияи таҳсилоти Тоҷикистон* ________________ *Ҳакимова Х.*